# ХУЛОСАИ ШУРОИ ДИССЕРТАТСИОНИИ 6D.КОА-014 НАЗДИ ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ МОЛИЯ ВА ИҚТИСОДИ ТОҶИКИСТОН БАРОИ ДАРЁФТИ ДАРАҶАИ ИЛМИИ НОМЗАДИ ИЛМҲОИ ИҚТИСОДӢ АЗ РӮЙИ ИХТИСОС

**Парвандаи аттестатсионии №_______________**
**Қарори шурои диссертатсионӣ аз 25.04.2025, №60**

Барои сазовор донистани Одиназода Сафаралӣ Пулодхон, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.07 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз, дода мешавад.

Диссертатсияи Одиназода Сафаралӣ Пулодхон дар мавзуи «Такмили идоракунии давлатии бахши бонкӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.07 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз санаи 21 феврали соли 2025, дар асоси хулосаи мусбати комиссияи экспертӣ барои ҳимоя қабул карда шуд, суратмаҷлиси №75 Шурои диссертатсионии 6D.КОА-014 назди Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон (Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон, 734067, ш. Душанбе, кӯчаи Нахимов 64/14), ки он дар асоси фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон 07 январи соли 2022, таҳти №13/шд ва дар асоси фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 25 октябри  соли 2024, таҳти №402/шд таъсис дода шудааст.

Унвонҷӯ Одиназода Сафаралӣ Пулодхон соли таваллудаш 12.10.1990, миллаташ тоҷик, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Одиназода Сафаралӣ Пулодхон соли 2013 Донишгоҳи миллии Тоҷикистонро аз рӯйи ихтисоси фаъолияти бонкӣ хатм намудааст. Одиназода Сафаралӣ Пулодхон солҳои 2013-2014 ба сифати оператори синфхонаҳои компютерии факултети молиявию иқтисодии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон фаъолият намудааст.

Одиназода Сафаралӣ Пулодхон соли 2018 ба ҳайси аспиранти шуъбаи ғоибонаи кафедраи умумидонишгоҳии назарияи иқтисодии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон дохил шуда онро соли 2021 хатм кардааст.

Солҳои 2014-2020 ба ҳайси ассистенти кафедраи фаъолияти бонкии факултети молиявию иқтисодии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ва аз соли 2021 то соли 2023 ҳамчун ассистенти кафедраи кори бонкии факултети молиявию иқтисодии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон фаъолият намудааст. Инчунин, аз соли 2023 то ҳол ба сифати муаллими калони кафедраи кори

бонкии факултети молиявию иқтисодии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ва аз моҳи сентябри соли 2024 то ҳол ба сифати мушовири академӣ (эдвайзер)-и дараҷаи 2-юми факултети молиявию иқтисодии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон фаъолият намуда истодааст.

Мавзуи таҳқиқоти диссертатсионии Одиназода Сафаралӣ Пулодхон дар ҷаласаи Шурои олимони Донишгоҳи миллии Тоҷикистон аз 23-юми апрели соли 2018, суратҷаласаи №11 тасдиқ гардидааст.

**Роҳбари илмӣ:**

**Қурбонов Абдулхайр Каримович -** доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори кафедраи таҳлил иқтисодӣ ва аудити Донишгоҳи миллии Тоҷикистон мебошад.

**Муқарризони расмӣ:**

**Шарифзода Бахром Маҳмуд** – доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент, сарходими илмии Иститути иқтисодиёт ва демографияи АМИТ.

**Икромӣ Нуриддин Қиём** – номзади илмҳои иқтисодӣ дотсенти кафедраи молияи Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон.

**Муассисаи пешбар** – Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ дар тақризи худ, ки аз ҷониби н.и.и., муаллими калони кафедраи молия ва қарз Вазирзода Д.Р. таҳия гардида, дар ҷаласаи ғайринавбатии кафедраи молия ва қарз баррасӣ ва муҳокима карда шудааст (суратҷаласаи №7/1, аз 05.04.2025) ва аз ҷониби ректори Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор, Раҳмон Д.С. санаи 05.04.2025 сол тасдиқ шудааст, хулосаи мусбат додааст.

Дар тақриз хулоса чунин бароварда шудааст, ки диссертатсияи Одиназода Сафаралӣ Пулодхон дар мавзуи «Такмили идоракунии давлатии бахши бонкӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» таҳқиқоти нав буда, дорои навгониҳои илмии аҳамияти назариявӣ ва амалидошта мебошад ва яке аз мавзуҳои нисбатан камтаҳқиқшуда, мубрам ва баҳсталаби доираи илмҳои иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон маҳсуб меёбад, ба талаботи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои рисолаҳои номзадӣ аз рӯйи ихтисос, ки бо “Низомномаи шурои диссертатсионӣ” ва “Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ” муқаррар шуда ва бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ буда, муаллифи он Одиназода Сафаралӣ Пулодхон барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.07 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз сазовор мебошад.

Автореферат ва корҳои илмии нашршудаи довталаби дараҷаи илмӣ пурра мундариҷаи асосии диссертатсияро инъикос менамояд. Дар хулосаи мусбат

қайд шудааст, ки довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ оид ба мавзуи диссертатсия 24 интишороти илмӣ, аз ҷумла 10 мақола дар маҷаллаҳои тақризшаванда дорад.

## ИНТИШОРОТИ МУАЛЛИФ АЗ РӮЙИ МАВЗУИ ДИССЕРТАТСИЯ

### Мақолаҳо дар маҷаллаҳои тақризшаванда:

[1-М]. Одинаев С.П., Истифоданамоии самараноки менеҷмент дар сохтори бонкии муосир [Матн] / Одинаев С.П., Ғаюров Ғ.Ҳ. // Паёми ДМТ (ISSN 2413-5151). 2017. №2/3. – С. 253-256.

[2-М]. Одинаев С.П., Роль инвестиций в повышении темпов экономического роста и благосостояния населения. [Текст] /Одинаев С.П., Бердиев Р.Б. // Вестник ТНУ (ISSN 2413-5151). 2017. №2/7. – С. 8-10.

[3-М]. Одинаев С.П. Бонкҳои тиҷоратӣ: накш, мақом ва аҳамияти онҳо дар муносибатҳои иктисодии муосир [Матн] / Одинаев С.П. // Ахбори АИ ҶТ (ISSN 2076-2569) – Душанбе, 2019, №4 (257). – С.143-148.

[4-М]. Одинаев С.П. Таҳқиқи фаъолияти бонкҳо ва самтҳои асосии рушди онҳо дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / Одинаев С.П., Қурбонов А.К. // Паёми ДМТ (ISSN 2413-5151). – Душанбе, 2020, №9. – С.91-98.

[5-М]. Одинаев С.П. Таҳқиқи ҷанбаҳои назариявӣ – амалии фаъолияти бонкҳои тиҷоратӣ ва таъсири он ба рушди иқтисодиёти мамлакат / Одинаев С.П. // Паёми ДМТ (ISSN 2413-5151). – 2020. № 10. – С. 30-34

[6-М]. Одинаев С.П. Бонки миллии Тоҷикистон ва накши он дар танзими фаъолияти бонкҳои тиҷоратӣ [Матн] / Одинаев С.П. // Паёми ДМТ (ISSN 2413-5151). – Душанбе, 2021, №2. – С. 179-186.

[7-М]. Одинаев С.П. Таҳлили таҷрибаи кишварҳои хориҷӣ оид ба танзими давлатии бахши бонкӣ [Матн] / Одинаев С.П., Қурбонов А.К. // Паёми ДМТ (ISSN 2413-5151). – Душанбе, 2022, №7. – С. 71-78.

[8-М]. Одинаев С.П. Шакл, усулҳо ва ташкили ҳамкорӣ байни давлат ва бахши бонкӣ [Матн] / Одинаев С.П. //Паёми ДМТ (ISSN 2413-5151), №8. – Душанбе, 2023. – С. 127-133.

[9-М]. Одинаев С.П. Таҳлили рушди нишондиҳандаҳои молиявӣ-сохтории низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / Одинаев С.П. // Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон (ISSN-2308-054X) №4/2(50) – Душанбе, 2023. – С. 298-309.

[10-М]. Одинаев С.П. Нақши давлат дар идоракунии низоми бонкӣ: таҷрибаи хориҷӣ [Матн] / С.П. Одинаев // Паёми ДМТ (ISSN 2413-5151), №11 – Душанбе, 2023. – С. 11-16.

### Дар дигар нашрияҳо:

[11-М]. Одинаев С.П. Танзими фаъолияти бонкҳои тиҷоратии ҶТ. [Матн] /Одинаев С.П.// Конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-назариявии ҳайати

устодону кормандони кафедраи фаъолияти бонкӣ бахшида ба «20-солагии Рӯзи ваҳдати миллӣ» ва «Соли ҷавонон», Душанбе, 2017. – С.128-134.

[12-М]. Одинаев С.П. Нақши кортҳои пардохтӣ дар мукаммалгардонии ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / Одинаев С.П. //Конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣ дар мавзуи «Рушди сайёҳӣ ҳамчун омили пешрафти иқтисодию иҷтимоии Ҷумҳурии Тоҷикистон: вазъи муосир ва дурнамои он», Душанбе, 2017. – С.216-220.

[13-М]. Одинаев С.П., Роль банков в системе экономических отношений [Матн] /Одинаев С.П. // Конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-назариявӣ дар мавзуи «Механизмҳои истифодаи фишангҳои иқтисодию молиявии таъмини амнияти иқтисодӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ», Душанбе, 2018. – С. 178-180с.

[14-М]. Одинаев С.П. К вопросу развития банковской системы Республики Таджикистан в современных условиях [Текст] /Одинаев С.П. // Материалы международной научно-практической конференции по теме индустриально-инновационное развитие экономики Республики Таджикистан: состояние, проблемы и перспективы (26 декабря 2020 г.). –Душанбе: ДФ НИТУ «МИСиС», 2020. – С. 275-281

[15-М]. Одинаев С.П. Таҳқиқи захираҳои бонкӣ ва масоили истифодабарии онҳо дар шароити муосир [Матн] /Одинаев С.П., Ғаюров Ғ.Ҳ., Сайфуров К.Ф. //Конференсияи ҷумҳуриявии илмию назариявӣ дар мавзуи «Иқтисоди рақамӣ ва зарурияти ҷорӣ намудани низоми нави ҳисоботҳои миллӣ» (17-уми феврали соли 2021). –Душанбе: ДМТ, 2021. –С. 188-193

[16-М]. Одинаев С.П., Раванди ташаккулёбии технологияи бонкӣ ва таъсири он ба такмили хизматрасониҳои бонкӣ [Матн] / Одинаев С.П., Нуралиева Д.К. // Конференсияи ҷумҳуриявии илмию назариявӣ дар мавзӯи «Масъалаҳои такмили механизми молиявию қарзии рушди иқтисодиёти миллӣ» (5-уми октябри соли 2021). –Душанбе: ДМТ, 2021. – С. 113-117

[17-М]. Одинаев С.П. Ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдӣ ва нақши онҳо дар муносибатҳои хоҷагидории муосир [Матн] / Одинаев С.П.// Конфронси ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣ дар мавзуи «Вазъи низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи пандемияи коронавирус (covid-19)» (11-уми декабри соли 2021). –Кӯлоб: ДДК, 2021. – С. 69-74.

[18-М]. Одинаев С.П. Ташаккули маблағгузориҳои бонкӣ ба иқтисодиёт [Матн] /Одинаев С.П. //Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмию амалӣ дар мавзуи «Муаммоҳои низоми андозбандӣ дар шароити муосир» (25-уми ноябри соли 2022). – Душанбе: ДМТ, 2022. – С. 86-92.

[19-М]. Одинаев С.П.Таъсири давлат ба раванди идоракунии бахши бонкӣ дар Федератсияи Руссия ва имкониятҳои истифодаи он дар низоми бонкии

Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] /Одинаев С.П. // Тоҷикистон: иқтисод ва идора №1 (маҷалаи илмӣ). – Душанбе, 2023. – С. 103-109.

[20-М]. Одинаев С.П. Ҷараёни идоракунии давлатии бахши бонкӣ дар шароити муосир [Текст] /Одинаев С.П. // "Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ"-и Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ (ISSN 3006-1512). – Душанбе, 2023, №1 (1). – С.113-121.

[21-М]. Одинаев С.П. Становления и развитии лизинговых операций в банковскогой системы Таджикистана [Текст] /Одинаев С.П. //Маводи конференсияи байналмилалии илмию амалӣ дар мавзуи «Саноатикунонии иқтисоди миллӣ: вазъи муосир, мушкилот ва дурнамои он» (2-юми майи соли 2023). – Душанбе: ДМТ, 2023. – С. 147-151.

[22-М]. Одинаев С.П. Рушди технологияи муосири молиявӣ-бонкӣ [Матн] /Одинаев С.П. //Маводи конференсияи байналмилалии илмӣ-назариявӣ дар мавзуи «Такмили низоми молиявию қарзӣ дар шароити рақамикунонии иқтисодиёти миллӣ» (19,20-уми декабри соли 2023). – Кӯлоб: ДДК, 2023. – С. 184-191.

[23-М]. Одинаев С.П. Такмилдиҳии нақши давлат дар идоракунии бахши бонкии кишвар [Матн] /Одинаев С.П.// Маводи семинари байналмилалии илмию амалӣ бахшида ба «Рузи макомоти молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон» дар мавзӯи «Такмили низоми молиявию қарзӣ дар шароити рақамикунонии иқтисодиёти миллӣ». – Душанбе, 2024. – С. 280-287.

[24-М]. Одинаев С.П. Совершенствование государственного регулирования банковской системы /Одинаев С.П. // Маводи семинари илмии ҷумҳуриявӣ дар мавзуи «масоили назариявию амалии пардохтҳои гумрукӣ дар раванди ғанигардонии даромадҳои буҷети давлатии ҷумҳурии тоҷикистон» бахшида ба 75-солагии дотсент Ҳикматов Сафаралӣ Ҳикматович (15-уми январи соли 2024). – Душанбе: ДМТ, 2024. – С. 204-211.

**Ба диссертатсия ва автореферат тақризҳо ворид шуданд:**

**1. Мирзоалиев Абдурашид Абдунабиевич - доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, мудири кафедраи менеҷмент, маркетинг ва иқтисодиёти меҳнати Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон,** бо чунин эродҳо:

1. Муаллиф дар саҳифаи 11, расми 1-уми автореферат оид ба ҷанбаҳои асосии фаъолияти низоми бонкӣ дар иқтисодиётро мавриди муҳокима қарор додааст, лекин сохторҳои таркибии ин расм дар автореферат возеҳу равшан ба пуррагӣ кушода нашудаанд.

2. Дар саҳифаи 18, ҷадвали 4 муаллиф сохторҳои тавозуни бонкҳои давлатӣ нисбат ба бахши бонкӣ дар солҳои 2013-2022-ро таҳлили базавӣ намудааст. Хуб мебуд, агар муаллиф нишондиҳандаҳои КВД БССТ

«Саноатсодиротбонк»-ро низ ба монанди нишондиҳандаҳои молиявии КВД БА ҶТ «Амонатбонк» дар давраи солҳои 2020-2023 таҳлили базавӣ менамуд.

**2. Қодирзода Хуршед Қодир - доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи баҳисобгирии муҳосибӣ ва андозбандии Донишгоҳи давлатии Данғара** бо чунин эродҳо:

1. Дар автореферат қисмати назариявии диссертатсияро барои инъикоси бештари ҷанбаҳои назариявӣ васеътар овардан ба манфиати кор мебуд.

2. Дар хулосаи автореферат бошад, муаллиф оид ба мукаммалгардонии бахши бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳоди хешро баён кардааст, ки дар ин ҷо инчунин бояд ба таҷрибаи баъзе аз давлатҳо ишора мекард.

**3. Боймуродов Ҷовид Ҷаъфарҷонович - номзади илмҳои иқтисодӣ, Сардори шуъбаи амалиётии ҶСП "Спитаменбонк"** бо чунин эродҳо:

1. Ба ҳолати кунунӣ ва омилҳое, ки барушд намудани ин бахш дар ҷумҳурӣ таъсир меравсонанд, диққати махсус зоҳир нагардидааст.

2. Дар автореферат расми 4, пурра шаҳр дода нашудааст.

**4. Раҳимов Парвиз С. – номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент, мудири кафедраи молияи ДДБ ба номи Носири Хусрав** бо чунин эрод:

1. Муаллиф дар саҳифаи 23, расми 5. – Стратегияи идоракунии давлатии бахши бонкиро аз нуқтаи назари муаллифӣ пешниҳод намудааст. Хуб мешуд, агар дар қатори ин пешниҳодҳо муаллиф Стратегияҳо ва барномаҳои давлатӣ дар бахши молиявӣ ва бонкиро низ ба инобат мегирифт.

Ҳамаи тақризҳо мусбат буда, қисме аз эродҳо хусусияти тавсиявӣ доранд.

**Интихоби муқарризони расмӣ** бо пешниҳоди комиссияи ташхисии шурои диссертатсионӣ, инчунин бо мавҷудияти салоҳият ва мавқеи устувор дар доираи таҳқиқи масъалаҳои захираҳои бонкӣ ва такмили иқтидори молиявию сармоягузорӣ, мавҷудияти интишорот дар соҳаи мазкур ва қобилияти баҳодиҳӣ ба аҳаммияти илмию назариявии диссертатсия, ҳамчунин бо розигии шахсӣ барои пешниҳоди тақриз асоснок шудааст.

**Интихоби муассисаи пешбар** бо он асоснок карда шудааст, ки Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ дар самти илми дахлдор шинохташуда буда, қодир аст, ки арзиши илмӣ ва амалии диссертатсияро муайян намояд.

**Шурои диссертатсионӣ қайд мекунад, ки аз тарафи довталаби дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ дар асоси иҷро кардани таҳқиқоти илмӣ:**

- ***консепсияи*** илман асоснок пешниҳод шудааст, ки метавон дар асоси татбиқи амалии таҷрибаи пешсаф вобаста ба идоракунии давлатии бахши бонкӣ имконияти суботи доимии низоми бонкӣ таъмин гардида, эътимоднокии ташкилотҳои қарзӣ дар шароити муосири иқтисодӣ ва тақвияти сатҳи раобатпазирӣ дар бозори хизматрасониҳои бонкӣ баланд бардошта мешавад ва низоми муассири идоракунии давлатии бахши бонкӣ таҳия карда мешавад.

- ***таърифи муаллифии*** идоракунии давлатии бахши бонкӣ таҳия ва пешниҳод шудааст, ки аз самтҳои зерин иборат мебошад: а) - «дар ҳама ҳолат нақши давлат дар идоракунии бахшҳои иқтисодиёти миллӣ зиёд аст ва бидуни механизмҳои мусоидаткунанда ва таъсиркунандаи он рушди бемайлони иқтисодиётро таъмин намуда, ба натиҷаҳои зарурӣ расидан ғайриимкон аст»; - « тариқи механизмҳои умумииқтисодӣ ва имкониятҳои мавҷуда, давлатро зарур меояд, ки раванди фаъолияти ташкилотҳои қарзиро дар зери назорати худ қарор диҳад, зеро бахши бонкӣ ниҳоди калидӣ ва сармоягузори асосии иқтисодиёт аст ва дар ҳолати бад гардидани вазъи молиявии бахши бонкӣ таъсири манфии он ба кулли иқтисодиёт мерасад.; б) **дар фарқият аз таърифҳои муҳаққиқони дигар** таърифи якум бар он асос меёбад, ки дар ин самт нақши давлат аз нигоҳи иқтисодӣ зиёд аст ва давлат метавонад бо истифода аз имкониятҳои молиявӣ ва механизмҳои умумииқтисодӣ ба идоракунии бахши бонкӣ таъсири мусбӣ расонида, суботи доимии онро таъмин созад.

- **омилҳои ба идоракунии давлатии баъши бонкӣ таъсирбахш ошкор шудаанд:** Дар раванди таҳқиқот исбот карда шуд, ки омилҳои ба идоракунии давлатии бахши бонкӣ таъсиррасонро дар шароити муосири иқтисодӣ метавонем ба ду гурӯҳи асосӣ ҷудо намоем. Дар гурӯҳи якум омилҳоеро ба монандӣ: -вазъи иқтисодӣ, -татбиқ ва такмили низоми қонунгузории кишвар, - асосҳои институтсионалии фаъолияти низоми бонкӣ, -муҳити сармоягузорӣ, - ҷалби муштариён ба низоми бонкӣ, -эътимоднокии ташкилотҳои қарзӣ, - иштироки фаъоли бонкҳо дар бозори молия, -шароити иштироки бонкҳо дар биржаҳои фондӣ, -ташкили низоми суғуртаи пасандозҳо, -сатҳи боварии мизоҷон ба низоми бонкӣ, -рушди низоми инноватсионӣ ва рақамикунонӣ дар кишвар, -иқтидори молиявию сармоягузории кишвар, -касри буҷети давлатӣ, - дастгирии вазъи молиявии баъзе аз бонкҳои ноустувор, -пешниҳоди имтиёзҳои гумрукӣ ва андозӣ, инчунин омилҳои иҷтимоӣ ва сиёсиро ворид намудан мумкин мебошад. Ба гурӯҳи дуюми омилҳо метавонем: -такмили сармояи худии бонкҳо, -азнавсармоякунонии ташкилотҳои қарзӣ, -сифати идоракунии корпоративӣ, -ҳамгироии бахши бонкӣ бо дигар бахшҳои иқтисодӣ, -сиёсати пулию қарзӣ, -сиёсати фискалӣ, -сифати идоракунии хавфҳои бонкӣ, - тақсимоти захираҳо (нодуруст гурӯҳбандӣ ва истифода намудани пасандозҳо,

қарзҳо), -тақсимоти дороиҳои бонк, -дараҷаи даромаднокӣ, -бозоргирии тавозуни бонк, -баҳодиҳии захираҳо, пардохтпазирии бонк ва ғайраҳоро ворид намудан мумкин аст.

**Аҳаммияти назариявии таҳқиқоти мазкур бо он асоснок карда мешавад, ки дар он:**

- ***муқаррароти*** асосии кор бо мухтавои натиҷаҳои илмии бадастоварда ва ва алоқамандии идоракунии давлатии бахши бонкӣ бо самтҳои муҳими иқтисоди миллӣ ва нишондиҳандаҳои омории онҳо, ки дар таҳқиқотҳои олимони соҳа, инчунин санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳавӣ баён шудаанд, мувофиқат мекунанд ва дар заминаи механизмҳои татбиқи идоракунии давлатии бахши бонкӣ усулҳо ва воситаҳои татбиқ, фишангҳо ва роҳҳои тақвияти идоракунии давлатии бахши бонкӣ метавонад густариш ёбанд, сурат гирифтааст.

- ***исбот шудааст,*** ки идоракунии давлатии бахши бонкӣ метавонад, ки ҷараёни ташаккул, рушд ва таҳкими минбаъдаи фаъолияти ташкилотҳои қарзиро замина гузошта, ба раванди такомули тиқтисодиву иҷтимоии кишвар таъсири мусбӣ мерасонад.

**Вобаста ба масъалагузории дар диссертатсия ҷойдошта:**

- ***ғояи*** вусъат пайдо кардани самтҳои мухталифи иқтисод, вазъи муосири рушди низоми бонкӣ ва самаранокии фаъолияти институтҳои молиявӣ аз таҳкими нақши давлат дар раванди идоракунии субъектҳои бахши бонкӣ вобаста буда, ***исбот гардидааст***, ки нақши давлат дар таъмини бехатарии фаъолияти ташкилотҳои қарзӣ, суботи доимӣ, вазъи пардохтпазирӣ, эътимодият, муаррифии низоми бонкӣ дар сатҳи байналмилал ва ҳамгироии бахши бонкӣ бо дигар субъектҳои иқтисодӣ калидӣ мебошад.

- ***самтҳои*** афзалиятноки идоракунии давлатии бахши бонкӣ таҳияи механизми таҳкими асосҳои институтсионалии низоми бонкӣ ва тақвияти сиёсати пулию қарзӣ дар ин самт арзёбӣ гардида, усулҳои ҳамгироии давлат ва бахши бонкӣ дар шароити муосир ***муайян ва илман асоснок карда шудааст***.

- ***омӯхта шудаанд:*** 1) таҳқиқи паҳлуҳои назариявии идоракунии давлатии бахши бонкӣ ва аҳамитяи иқтисодии он ба низоми бонкӣ; 2) имкониятҳои татбиқи таҷрибаи хориҷии идоракунии давлатии бахши бонкӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон; 3) ҳолати муосири вазъи низоми бонкӣ ва таъсири давлат ба ҷараёни идоракунии фаъолияти ташкилотҳои қарзӣ.

- ***методикаи*** таҳлилу арзёбии идоракунии давлатии бахши бонкӣ ва татбиқи механизмҳои самарабахши он доир ба ҳамгироии давлат бо бахши бонкӣ арзёбӣ гардид, имкониятҳо ва самтҳои афзалиятнокии идоракунии давлатии бахши бонкӣ мушаххас ва тақвият бахшида шуданд.

**Аҳаммияти натиҷаҳои бадастовардаи довталаби дараҷаи илмӣ дар амалия** чунин тасдиқ карда мешавад, ки:

- ***тавсияҳои методӣ ва амалии*** таҳиякардаи муаллиф дар раванди тадриси фанҳои «Фаъолияти бонкӣ», «Пул, қарз, бонк», «Идоракунии хавфҳои бонкӣ», «Низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Танзим ва назорати бонкӣ»ва дигар маводи илмӣ-амалӣ дар кафедраи кори бонкии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон мавриди истифода қарор гирифтаанд **(санади татбиқи натиҷаҳо аз 15.02.2024 тахти №102-а/дс**). Ҳамзамон, тавсияҳои асосноки муаллиф дар амалия, дар фаъолияти Ассотсиатсияи бонкҳои Тоҷикистон **(санади татбиқи натиҷаҳо аз 05.03.2024**) ва Маркази таълимӣ ва рушди маблағгузории хурди Тоҷикистон дар назди Ассотсиатсияи ташкилотҳои маблағгузории хурди Тоҷикистон **(санади татбиқи натиҷаҳо аз 11.01.2024**) мавриди истифода қарор гирифтаанд.

- ***моделҳои*** иқтисодӣ-риёзӣ оид ба дурнамои рушди нишондиҳандаҳои молиявии низоми бонкӣ ва рушди нишондиҳандаҳои молиявии бонкҳои давлатӣ таҳия гардида, муайян гардидааст, ки бонкҳои давлатӣ дар давоми солҳои 2025-2030 мавқеи муҳимро дар иқтисодиёти мамлакат касб намуда, ҳиссаи сармояи онҳо нисбат ба низоми бонкӣ дар соли 2030 то ба ҳадди 38,5 фоиз афзоиш ёфта, дар пешрафти иқтисодиёт саҳмгузор мегарданд ва дар ин асос хулосаву тавсияҳо пешниҳод шудаанд.

- ***стратегияи*** идоракунии давлатии бахши бонкӣ таҳия бо назардошти нақши низоми бонкӣ дар рушди иқтисодиёти кишвар таҳия гардида, роҳу воситаҳо ва тартиби таъсири давлат ба ҷараёни идоракунии бахши бонкӣ тавсия гардид, ки ба воситаи он имконияти идоракунии муассир ва таҳияи низоми самараноки ҳамгироии давлат ва бахши бонк фароҳам оварда мешавад.

- ***пешниҳод шудааст***, ки дар шароити муосир давлат ҳамчун институти дорои салоҳиятҳои зиёди иқтисодӣ-иҷтимоӣ дар раванди ташаккули низоми бонкӣ ва сохтори институтсионалии он мавқеи муҳимро касб менамояд. Давлат на танҳо ҳамчун сармоягузор, инчунин метавонад дар асоси таҳкими меъёрҳои пруденсиалӣ ва ташкили заминаи мусоиди қонунгузорӣ рушди низоми идоракунии низоми бонкиро тарҳрезӣ намуда, ҷанбаҳои мухталифи онро мавриди истифода қарор диҳад, гузашта аз ин, дастгирии давлатии бахши бонкӣ ва идоракунии самараноки он моҳирона ва дақиқ муайян карда шавад, инчунин бояд стратегияи махсуси дастгирии давлатии бахши бонкӣ қабул карда шавад ва сиёсати давлатӣ дар соҳаи рушди низоми бонкӣ бояд самаранокии низоми бонкӣ ва рушди иқтидори онро таъмин намояд, аз ҷумла он бояд ба амалияи муосири ҷаҳонӣ мутобиқ бошад ва дар асоси омезиши самараноки танзими бозор бо таъсири ташкилии давлат ба динамикаи равандҳои бозорӣ бунёд шавад.

- **Баррасии эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ нишон доданд, ки:**

- ***назарияи*** илман асоснок дар асоси таҳқиқоти олимони соҳа, омӯзиши асарҳои илмӣ оид ба назарияи идоракунии давлатии иқтисодиёт, таъсири давлат ба бахши бонкӣ, низоми идоракунии давлатии бахши бонкӣ ***пешниҳод гардидааст,*** ки имконияти таъмини фаъолияти густурда ва самараноки низоми бонкиро фароҳам оварда, бевосита ба сатҳи рушди иқтисоди миллӣ дар оянда мусоидат хоҳад намуд.

- ***равиши илман*** асоснокшудаи ташкили низоми муассир ва усулҳои самарабахши идоракунии давлатии бахши бонкӣ ба ҳамаи самтҳо муҳим арзёби гардида, дар ин самт нақши давлат дар устувории низоми бонкӣ, нигоҳдории сатҳи таваррум, тақвияти сармоягузориҳо ба иқтисоди воқеӣ, ташаккули даромаднокии буҷети давлатӣ ҷалби мизоҷон ба низоми бонкӣ, бартараф намудани хавфҳои молиявӣ, расмиёти гузаронидани амалиётҳо ва хизматрасониҳо хеле муҳим баҳисоб меравад. Инчунин, такмили механизмҳо ва роҳҳои истифодаи идоракунии давлатии бахши бонкӣ дар шароити муосир тавсия карда шудаанд.

- ***усулҳои*** баҳодиҳӣ, ташкил ва тақвияти нақши давлат дар идоракунии бахши бонкӣ дар заминаи имкониятҳои дохилӣ ва истифодаи таҷрибаи хориҷӣ таҳия гардида, зарурияти истифодаи механизмҳои гуногуни баҳодиҳии нақши давлат дар раванди фаъолияти самараноки ташкилотҳои қарзӣ арзёбӣ гардида, исбот карда шудаанд.

- **муайян карда шуд,** ки натиҷаҳои сифатӣ ва миқдории таҳқиқот тавассути манбаъҳои муътамади назариявӣ ва амалӣ таъйид гардида, истинод ба адабиёти иқтибосгардида бо риояи муқаррароти мавҷуда сурат гирифтааст. Диссертатсия ва автореферат аз санҷиши асолати илмӣ гузашта, маълумотнома аз барномаи "Антиплагиат" сароҳатан сатҳи онро 83,4% ва 81,25% нишон додааст.

**Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот:** 1) муаллиф дар тавсеаи идоракунии давлатии бахши бонкӣ саҳми муайян гузоштааст; 2) дар асоси омӯзиши муқаррароти назариявӣ, муаммоҳои идоракунии давлатии бахши бонкӣ, ки рушди иқтисодию иҷтимоии мамлакат дар шароити мусир аз он вобаста мебошад, муайян карда шудааст; 3) иштироки бевоситаи муаллиф дар иҷрои нақшаи корҳои илмӣ дар ҳамаи давраҳо ҷиҳати таҳия ва нашри мақолаҳо, асосноккунӣ ва мубраммияти он, мақсади гузошташуда ва нақши захираҳои бонкӣ дар рушди устувори иқтисодӣ муайян карда шудааст; 4) дар омода намудани 24 мақола, аз он ҷумла 10-адад мақолаи илмӣ дар нашрияҳои Комиссияи олии аттестасионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаи омӯхташуда иборат аст.

Шурои диссертатсионӣ ба хулоса омад, ки таҳқиқоти диссертатсионии Одиназода Сафаралӣ Пулодхон дар мавзуи «Такмили идоракунии давлатии

бахши бонкӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.07 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз, кори мустақилона анҷомшудаи илмӣ ва тахассусӣ маҳсуб ёфта, дорои мубрамӣ, навгониҳои илмӣ ва аҳаммияти назариявию амалӣ мебошад ва дар таҳкими асосҳои назариявию методии такмили идоракунии давлатии бахши бонкӣ саҳм гузошта, имкон медиҳад, ки масоили ҳалталаби соҳа ҳаллу фасл гарданд. Диссертатсия ба бандҳои 10, 10.1, 10.5, 10.7, 11.7 -и Шиносномаи ихтисосҳои илмии КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси 08.00.07 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз мувофиқат мекунад.

Дар маҷлиси Шурои диссертатсионии 6D.КОА-014 аз санаи 25.04.2025 қарори сазовор донистани Одиназода Сафаралӣ Пулодхон бо дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.07 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз қабул карда шуд.

Ҳангоми гузаронидани овоздиҳии пинҳонӣ дар шурои диссертатсионӣ 14 нафар иштирок доштанд (2 нафар маҷозӣ), аз ҷумла мутахассисон 4 нафар аз руйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда. Аз 14 нафар аъзои шурои диссертатсионии дар ҷаласа иштирокдошта овоз доданд: ба тарафдории додани дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ: «Тарафдор» –14 нафар, «Муқобил» – нест, «Бетараф» – нест, бюллетенҳои беэътибор – нест.

Раиси шурои диссертатсионӣ
доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Фақеров Ҳ.Н.

Котиби илмии
шурои диссертатсионӣ,
номзади илмҳои иқтисодӣ Убайдуллоев Ф.К.

**25 апрели соли 2025.**